**ТАРТИБИ**
бо аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра мукофотонидани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.Тартиби бо аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра мукофотонидани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Тартиб) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра таҳия гардида, тартиби мукофотонидани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра ба танзим медарорад.

## 2.Тартиби интихоб ва пешниҳод ба аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра

1. Барои гирифтани аттестати аълои универсалӣ, аттестати аълои равияҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ бо медали тилло хонандагони ҳамаи намуди муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ки синфи 9-ро бо баҳои «5» (аъло) хатм намудаанд ва соҳиби аттестати аъло гардида, дар синфҳои 10,11 (12) бо баҳои «5» (аъло) таҳсил намуда, имтиҳонҳои синфи 10,11-ро бо баҳои «5» (аъло) супорида, дорои рафтори намунавианд ва аз санҷиши комиссияи раёсат ва шуъбаҳои маориф гузаштаанд, пешниҳод карда мешаванд.

2. Барои гирифтани аттестати аълои универсалӣ, аттестати аълои равияҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ бо медали нуқра хонандагони ҳамаи намуди муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ки синфи 9-ро бо баҳои «5» (аъло) хатм намудаанд ва соҳиби аттестати аъло гардида, дорои рафтори намунавианд, лекин аз рӯйи на бештар аз 2 фан баҳои солонаи «4» (хуб) ва аз фанҳои дигар баҳои ҷамъбастии «5» (аъло) доранд, имтиҳонҳои синфи 10,11-ро бо баҳои «5» (аъло) супорида, ва аз санҷиши комиссияи раёсат ва шуъбаҳои маориф гузаштаанд, пешниҳод карда мешаванд.

3. Баҳои ҷорӣ ва корҳои хаттии довталаби аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло, аттестати аълои равияҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ бо медали тилло набояд дар соли таҳсил аз 3-то зиёд баҳои “4” (хуб) бошад.

4. Баҳои ҷорӣ ва корҳои хаттии довталаби аттестати аълои универсалӣ бо медали нуқра, аттестати аълои равияҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва табиӣ-

риёзӣ бо медали нуқра набояд дар соли таҳсил аз 5-то зиёд баҳои “4” (хуб) бошад.

5. Баҳои дар дафтарҳои синф ислоҳшуда ба инобат гирифта мешавад.

6. Номзадии довталабон бо пешниҳоди роҳбари синф дар Шӯрои педагогӣ баррасӣ гардида, қарори шӯро дар радифи дигар ҳуҷҷатҳои довталаб ба комиссияи ташхисии ноҳиявӣ, шаҳрӣ, ки дар назди шуъбаву раёсатҳои маориф таъсис дода мешавад, ирсол мегардад.

7.Дар асоси ташхиси комиссияи шаҳрӣ (ноҳиявӣ) пас аз баррасӣ дар шӯрои шуъба ҳуҷҷатҳои довталаб бо қарори шӯрои шуъба ба раёсати маориф пешниҳод карда мешаванд. Комиссияи ташхисии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳуҷҷатҳои довталабонро бевосита ба комиссияи ташхисии Вазорати маориф ва илм пешниҳод менамоянд.

Муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявидошта (Мактабҳои Президентӣ барои хонандагони болаёқат, Мактаби байналмилалии Президентӣ, мактаб-интернатҳо) низ ҳуҷҷатҳои довталабонро бевосита ба комиссияи ташхисии Вазорати маориф ва илм пешниҳод менамоянд.

Муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, хусусӣ ва дигар литсею гимназияҳо вобаста ба мавқеи ҷойгиршавашон ҳуҷҷатҳои довталабонро ба комиссияҳои ташхисии шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо пешниҳод менамоянд.

8.Номгӯйи ҳуҷҷатҳои довталаби аттестати аълои универсалӣ бо медали нуқра, аттестати аълои равияҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ бо медали нуқра, ки аз ҷониби муассисаи таълимӣ тартиб дода шуда, аз ташхиси Раёсат ва шуъбаҳои маориф (барои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) гузашта, барои иштирок дар санҷиши комиссияи Вазорати маориф ва илм пешниҳод мегарданд, аз инҳо иборатанд:

- аризаи довталаб (бо ҳусни хатти худаш) барои иштирок дар озмун бо нишон додани номи медал ва равияи интихобкарда;
- тавсиянома аз тарафи маъмурияти муассисаи таълимӣ;
- қарори Шӯрои педагогии муассисаи таълимӣ;
--қарори Шӯрои шуъбаи маориф ҷиҳати тасдиқи қарори Шӯрои педагогии муассисаи таълимӣ ва комиссияи ташхисии шуъба;
-корҳои хаттии санҷишии аттестатсия, натиҷаи тест ва ҷавобҳои шифоҳии аттестатсияҳои хатм бо тақризи комиссияи аттестатсионии муассисаи таълимӣ;
-санади ташхисии комиссияи назди шуъбаҳои маориф (барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), раёсати маорифи вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;
-рӯйхати баҳои солона, ҷамъбастӣ ва аттестатсияҳои давлатии синфҳои 10-11, ки бо имзои директор ва муҳри муассисаи таълимӣ тасдиқ карда шудааст;
-нусхаи аслии шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ (аъло);
-дафтарҳо (журналҳо)-и синфии синфҳои 10-11;
-ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи фаъолияти довталаб дар корҳои ҷамъиятӣ ва берунаэсинфӣ ( барандагони стипендияи Президентӣ, ғолибони даври ҷумҳуриявии Олимпиадаи фаннии мактаббачагон, ғолибони даври ҷумҳуриявии мусобиқаҳои илмӣ, дорандагони диплом ё сертификати

мақоми ҷумҳуриявӣ ва байналмилалидошта, инчунин намунаи маводи дар матбуоти даврӣ нашргардида).

9. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои хатмкардагон аз ҷониби сардори раёсат, мудирони шуъбаҳои маориф (барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) дар ҷузвдони алоҳида баъди як ҳафтаи анҷоми аттестатсияҳои хатм ба унвонии комиссияи Вазорати маориф ва илм фиристода мешаванд.Дар сурати дар муҳлати муқарраршӣ пешниҳод нагардидан ҳуҷҷатҳои довталаб қабул карда намешавад.

10.Директори муассисаи таълимӣ мустақилона ҳуқуқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталбони аттестати аълои универсалӣ бо медали нуқра, аттестати аълои равияҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ бо медали нуқраро ба комиссияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон надорад.

11. Комиссияҳо оид ба ташхиси ҳуҷҷатҳои довталабон дар назди раёсат (шуъба)- и маорифи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо бо фармоиши сардорон ва мудирони раёсату шуъбаҳои маориф ва дар раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фармоиши вазири маориф ва илм таъсис дода мешавад.

12.Комиссия дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳуҷҷатҳои довталабонро, ки дар банди 8- и ин ҳуҷҷат нишон дода шудааст, арзёбӣ менамояд. Дар сурати пурра набудани ҳуҷҷатҳо, тасдиқ нагардидани баҳои гузоштаи комиссияи аттестатсионии муассисаҳои таълимӣ ва мутобиқат накардан ба меъёрҳои муқарраргардида ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаи довталабон баргардонида шуда, тибқи протоколи комиссия ба расмият даровarda мешавад. Ба таври истисно дар сурати пайдо шудани шубҳа санҷиши иловагӣ гузаронида мешавад.

13.Ҳуҷҷатҳои довталабон бо санад қабул карда мешавад ва бо имзои шахсони ҳуҷҷатсупоранда ва қабулкунанда ба расмият даровarda мешавад.

14.Барои гузаронидани санҷишҳои фаннӣ бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби олимони шинохта ва устодони муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар комиссияҳои фаннӣ таъсис дода мешавад.

15.Комиссияҳои фаннии Вазорати маориф ва илм натиҷаи санҷишро аз фанҳои забон ва адабиёт (вобаста ба забони таълим- иншо), алгебра (кори хаттии санҷишӣ) барои довталабони медалҳои тилло ва нуқраи дониши мукаммал, аз фанҳои забон ва адабиёт (вобаста ба забони таълим- иншо) барои довталабони медалҳои тилло ва нуқраи равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва алгебра (кори хаттии санҷишӣ) барои довталабони медалҳои тилло ва нуқраи равияи табиӣ-риёзӣ ҷамъбаст намуда, тибқи протоколи маҷлиси комиссияи санҷишӣ ба расмият медароранд.

16. Ба довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали тиллои дониши мукаммал, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ки аз санҷиши фанҳои забон ва адабиёт (вобаста ба забони таълим), алгебра (кори хаттии санҷишӣ) баҳои «5», медали тиллои равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ аз санҷиши фанҳои забон ва адабиёт (вобаста ба забони таълим) баҳои «5» ва довталабони медали тиллои равияи табиӣ-риёзӣ аз

алгебра баҳои «5» гирифтаанд, ҷиҳати идомаи санҷиш иҷозат дода мешаванд. Ҳангоми холгузорӣ баҳои «5/5» (иншо фанни адабиёт вобаста ба забони таълим ва нақли хаттӣ аз фанни забони давлатӣ), баҳои «5» (кори хаттӣ аз алгебра) 50 хол ҳисоб карда мешавад. Баҳоҳои «5/4», «4/5», «4/4», (иншо аз фанни адабиёт вобаста ба забони таълим ва нақли хаттӣ аз фанни забони давлатӣ) ва баҳои «4» (кори хаттӣ аз фанни алгебра) таносубан ба 45 ва 40 хол баробар буда, дар вақти ҷамъбасти умумии холҳо ба инобат гирифта мешаванд.

17. Довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали медали нуқраи дониши мукаммал, аттестати аълои равиявӣ бо медали нуқра, ки аз санҷиши фанҳои забон ва адабиёт (вобаста ба забони таълим-иншо), алгебра (кори хаттии санҷишӣ) баҳои «4», медали тиллои равияи ҷамъиятӣ-гуманитаӣ аз санҷиши фанҳои забон ва адабиёт (вобаста ба забони таълим-иншо) баҳои «4» ва довталабони медали нуқраи равияи табиӣ-риёзӣ аз алгебра баҳои «4» мегиранд, барои идомаи санҷиш иҷозат дода мешавад,

18. Ба довталабоне, ки дар натиҷаи санҷиш нишондиҳандаи паст (баҳои «2» ва «3») ба даст меоранд, барои идомаи санҷиш иҷозат дода намешаванд.

19. Довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ҳангоми аз санҷиш нагузаштан чун довталаб ба аттестати аълои универсалӣ бо медали нуқра ва аттестати аълои равиявӣ бо медали нуқра қабул карда намешаванд.

20. Довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медалҳои тилло ва нуқраи дониши мукаммал аз фанҳои забон ва адабиёт (вобаста ба забони таълим), забони хориҷӣ (вобаста ба забони таълим), забони русӣ, таърихи халқи тоҷик, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, география, алгебра, химия, биология ва физика санҷиши тестӣ (аз ҳар фан 20 саволӣ) месупоранд.

21. Довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медалҳои тилло ва нуқраи равияи ҷамъиятӣ -гуманитарӣ аз фанҳои забон ва адабиёт (вобаста ба забони таълим), забони хориҷӣ (вобаста ба забони таълим), забони русӣ, таърихи халқи тоҷик, асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва география санҷиши тестӣ (аз ҳар фан 20 саволӣ) месупоранд.

22. Довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медалҳои тилло ва нуқраи равияи табиӣ-риёзӣ аз фанҳои алгебра, геометрия, химия, биология, технологияи информатсионӣ ва физика санҷиши тестӣ (аз ҳар фан 20 саволӣ) месупоранд.

23. Ба довталабон се намуди супоришҳои тестӣ- пӯшида, кушода ва мувофиқоварӣ пешниҳод карда мешавад.

24. Ба ҳар ҷавоби дурусти тест як хол муқаррар карда мешавад. Довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали тиллои дониши мукаммале, ки аз санҷишҳои тестӣ зиёда аз 150 хол, довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали тиллои равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали тиллои равияи табиӣ-риёзӣ, ки зиёда аз 90 холҳои имконпазирро ба даст меоранд, бо медали тилло сарфароз гардонида мешаванд.

25. Довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали нуқраи дониши мукаммале, ки аз санҷишҳои тестӣ зиёда 120 хол, довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали нуқраи равияҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ, ки зиёда аз 80 холҳои мавҷударо ба даст меоранд, бо медали нуқра мукофотонида мешаванд.

26. Комиссияи Вазорати маориф ва илм дар асоси протоколи комиссияҳои фаннӣ лоиҳаи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро омода карда, барои баррасӣ ва тасдиқ пешниҳод менамояд.

27. Барои довталабоне, ки аз натиҷаи кори комиссия норозианд, имкон дода мешавад, ки дар давоми 3 рӯз пас аз анҷоми санҷиш ба комиссияи апеллятсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

28. Натиҷаи санҷиш барои дарёфти аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, нусхаи қарор ба раёсатҳои маорифи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ фиристода мешавад. То гирифтани қарори мазкур ва фармоиши вазири маориф ва илм эълон намудани номи ғолибон қатъиян манъ мебошад.

29. Раёсату шуъбаҳои маорифи марбута довталабонро бо фармоиши вазири маориф ва илм шинос карда, дар маҷлиси тантанавӣ бо иштироки падару модарон, намояндаи мақомоти хокимияти давлатии маҳаллӣ ва фаъолони ноҳия, шаҳр ва вилоят мукофотҳоро месупоранд.

30. Ному насаби хатмкардагоне, ки сазовори аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра мегарданд, дар лавҳаи фахрии муассисаи таълимӣ насб карда мешаванд.

31. Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки бо сабаби ҳолати саломатиашон аз тарафи комиссияи тиббӣ-назоратӣ аз машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ озод карда шудаанд, ба гирифтани медалҳои тилло ва нуқра пешниҳод карда мешаванд.

32. Ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталабон (ба истиснои дафтари синфӣ, нусхаҳои аслии шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ ва мукофотҳо) ба муддати як сол дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.

33. Хатмкардагони дар санҷиш ғолибомада бо пешниҳоди раёсат ва шуъбаҳои маориф бо ифтихорномаҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳр, ноҳия ва муассисаи таълимӣ қадр карда мешаванд.

## 3. Имтиёз барои дорандагони аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра

Хонандагоне, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумиро бо аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва аттестати аълои универсалӣ бо медали нуқра хатм менамоянд, ба дилхоҳ ихтисоси

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо Тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи суҳбат қабул карда мешаванд Хонандагоне, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумиро бо аттестати аълои равияи ҷамъиятӣ- гуманитарӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равияи табиӣ-риёзӣ бо медали тилло ва нуқра хатм менамоянд, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар сурати мувофиқат кардани равия ба ихтисос бо Тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи суҳбат қабул карда мешаванд. Хонандагоне, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумиро бо аттестати аълои равияи ҷамъиятӣ- гуманитарӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равияи табиӣ-риёзӣ бо медали тилло ва нуқра хатм менамоянд ва аз имтиёзи пешниҳодшуда даст мекашанд, дар сурати хоҳиш доштан дар имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ мувофиқи тартиби умумӣ (бе гирифтани имтиёз) ширкат менамоянд

**ҚАРОРИ**
**МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

---

аз «__» ________ 2014 №___ ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Тартиби бо аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра мукофотонидани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ «Дар бораи тасдиқи Тартиби бо аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра мукофотонидани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда,

қ а р о р м е к у н а д:

1.Тартиби бо аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра мукофотонидани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Сардорони раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки ҳуҷҷатҳои доталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқраро мутобиқи талаботи Тартиби мазкур ба роҳ монанд:

3. Ба сармуҳаррири ҳафтаномаи "Омӯзгор" (Н.Нуралиев) супорида шавад, ки Тартиби мазкурро дар шумораи навбатии ҳафтанома нашр намояд.

4.Ба раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ (Алиев А.А.) супорида шавад, ки озмуни довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқраро тибқи талаботи Тартиби мазкур ба роҳ монад.

5.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Т.Маҳмадова гузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир Нуриддин Саид